«Тасдиқ мекунам»
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х.**
_______________________
«_15_» ___03___ 20_23_ с.

**Нусха**
аз суратмаҷлиси ҷаласаи ғайринавбатии Шурои олимони факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
аз "_15_" _03_ соли 2023, №_8/1_

**Раиси ҷаласа:** д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р.
**Котиб:** муаллими калон Каримов М.И.

**Иштирок доштанд**: Исайнов Ҳ.Р., Низомова Т.Д., Бобосодиқова Г.Б., Тағоев Ҷ.Ҳ., Фаррухӣ Р., Раҳмонов Ҷ.Р., Тағоев Б.Д., Муҳсинов Д.С., Раҷабов Қ.Қ., Аҳмадов Р.Р., Искандаров Ҳ.Ҳ., Сарабекова И.З., Абдуллоева Ш.Б., Каримов М.И., Холов А.М., Содиқов Қ.А., Авзалов Ҳ.А., Маҷидов Ф.Б., Чоршанбиев С.Р.

**РУЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи милии Тоҷикистон Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзӯи "Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод карда шудааст.

Бояд ёдовар шуд, ки диссертатсияи Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзӯи "Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05. – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти минтақавӣ) дар Шӯрои дессертатсионӣ 6D.KOA-051 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон санаи 12.02.2021 ҳимоя шуда буд.

Бинобар риоя нагардидани банди 16 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505) аз 05.03.2021, №147/ди додани дараҷаи илмӣ ба ӯ рад гардида, ҳимояи такрории он пас аз 1 сол муқаррар гардида буд. Бинобар ба итмом расидани муҳлати муқаррargardida довталаб Бобошерзода Н.Қ. барои такроран ҳимоя намудани диссертатсия ба Шурои дессертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муроҷиат намуд.

**Шунида шуд:** Баромади унвонҷӯи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи милии Тоҷикистон Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзӯи "Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)"

**Баромад карданд:** Муқарризи холис - д.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии ДМТ Тағоев Б.Д. Бояд қайд кард, ки унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқоти илмӣ аз асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти асарҳои илмии олимони ватанию хориҷии соҳа оид ба мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ васеъ истифода намудааст. Қайд кардан зарур аст, ки рисола сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ шудаанд, инчунин пешниҳоду таклифҳои муаллиф илман асоснок таҳия гардидаанд. Ҳамаи эрод ва пешниҳодҳо дар тақриз ба таври амиқ оварда шудаанд.

Муқарризи холис - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молияи ДДМИТ Давлатов Х. Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсияи Бобошерзода Н.Қ. мавзуи бисёр актуалӣ барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, зеро имрӯз яке аз соҳаҳои афзалиятноки кишварамон маҳз соҳаи комплекси агросаноатӣ дар минтақа мебошад. Бинобар ин, андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати мукаммалгардонии сохторҳои ҳамгироишуда ба ин соҳа ниҳоят муҳим мебошад. Дар охир, бо чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мақсади рисолаи диссертатсионӣ ин таҳлил ва асосноккунии муқарратори назаривию методологӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ ба мамлакат мебошад. Дар асоси гуфтаҳои боло, мо чунин меҳисобем, ки диссертатсияи Бобошерзода Нозанин Қаракул ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, онро пас аз ислоҳи эроду камбудиҳо баррои муҳокимаи навбатӣ тавсия додан мумкин аст.

**Муҳокима**: д.и.и., профессор Бобосодиқова Г.Б., д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р. ва н.и.и., дотсент Тағоев Б.Д. баромад намуда қайд карданд, ки мавзуи илмии баррасинамудаи унвонҷӯи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи милии Тоҷикистон Бобошерзода Нозанин Қаракул ба талаботҳои шароити имрӯзаи иқтисодиёти мамлакат ва дурнамои инкишофи он ҷабовгӯ буда, мавзуи актуалӣ ба ҳисоб меравад. Дар маҷмуъ диссертатсия, ки дар мавзӯи "Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)" пешниҳод шудааст, ба талаботҳо ҷавобгӯ буда, ба зинаҳои минбаъдаи ҳимоя тавсия карда мешавад.

**қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Бобошерзода Н.Қ. дар мавзӯи "Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)" пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссертатсияи Бобошерзода Н.Қ. дар мавзӯи "Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод карда шавад;

3. Назорати қарори мазкур ба зиммаи раиси шурои олимон, декани факултет вогузор карда шавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи ғайринавбатии шурои олимони факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз "15" 03 соли 2023, суратҷаласаи № 8/1 қабул гардидааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ:
Тарафдор - 21;
Муқобил - нест;
Бетараф - нест.

Раиси Шурои олимони факултети иқтисод ва идораи ДМТ д.и.и., профессор — Исайнов Ҳ.Р.

Котиби илмии Шурои олимони факултети иқтисод ва идораи ДМТ — Каримов М.И.

Муқаррризи холис номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии ДМТ — Тағоев Б.Д.

Муқаррризи холис номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молияи ДДМИТ — Давлатов Х.

Сардори шуъбаи кадрҳои ДДМИТ — Шарипов У.

Сардори (шуъбаи) раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Тавкиев Э.Ш.